# ЭЪЛОМИЯИ ҲУҚУҚИ ОДАМОНИ АЗ СИЛ ОСЕБДИДА



Stop TB Partnership

TB PEOPLE

# Эъломияи ҳуқуқи одамони аз сил осебдида

*Муқаддима:*

Мо, ҷомеаи ҷаҳонии одамони аз сил осебдида,

**Бо дарки ин,** ки ташвиқу ҳифзи ҳуқуқи башарии одамони аз сил осебдида амри қонунӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ буда, ҳамчунин барои самаранокии муқобилият ба эпидемия ва коҳиши дарду ранҷ дар байни одамон ва ҷомеаҳои ҷабрдида аҳаммияти ҳалкунанда дорад;

**Бо назардошти он,** ки одамони аз сил осебдида ба вайронкунии ҳуқуқи инсон, аз он ҷумла дар доираи тадбирҳои мубоизаи зиддисилӣ, дучор шудаанду мешаванд ва ин ҳуқуқвайронкунӣ ба решакан кардани бемории сил монеа эҷод мекунад, ранҷу азобҳои ин бемориро меафзояд ва эътимоди одамони аз сил осебдидаро ба низоми тандурустии кишварашон коҳиш медиҳад;

**Бо таъкиди ин,** ки одамони аз бемории сил осебдида бо таҷриба ва дониши мустақими худ тавассути амалияи хуб ва муассир бояд дар ҳама марҳилаҳои банақшагирӣ, амалисозӣ, мониторинг, баррасӣ ва арзёбии барномаҳои зиддисилӣ дар



Declaration_for print_A5_Tajik.indd 2-3 27.02.2020 22:20:41

сатҳи глобалӣ, минтақавӣ, миллӣ ва маҳаллӣ ширкат варзанд;

**Бо дарназардошти он,** ки муносибати комилан тиббӣ ё тандурустӣ барои мубориза бар зидди бемории сил кифоя нест ва муносибати маҷмӯии марбути пешгирӣ, ташхис, табобат, нигоҳубин ва дастгирии вобаста ба бемории сил, ки ба ҳуқуқи инсон асос ёфтааст, ҷузъи таркибии фарогирии умумӣ ба хидматрасониҳои тандурустӣ буда, дар бартараф кардани бемории сил нақши муҳим мебозад, инчунин

**Бо тасдиқи он,** ки қонуни байналмилалӣ ва минтақавии ҳуқуқи инсон мазмуни ин Эъломияро тасдиқ ва таъмин мекунад, ки ба ҳадафҳои татбиқи муқаррароти қонун ва шарҳи уҳдадориҳои ҳуқуқии давлатҳо хидмат менамояд, аз ҷумла:

- Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон;
- Паймони байналмилалии ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;
- Паймони байналмилалии ҳуқуқи сиёсиву шаҳрвандӣ;
- Конвенсияи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон;
- Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъизи нажодӣ;
- Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак;
- Конвенсия бар зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф;
- Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои ҳама коргарон-муҳоҷирон ва аъзои оилаҳои онҳо;



- Конвенсияи ҳуқуқи маъюбон; ва
- Конвенсия дар бораи мақоми гурезаҳо;

ва дар сатҳи минтақавӣ:

- Хартияи Африқо дар бораи ҳуқуқҳои инсон ва халқҳо;
- Хартияи африқоии ҳуқуқҳо ва некӯаҳволии кӯдак;
- Конвенсияи Амрико оид ба ҳуқуқи инсон;
- Хартияи Арабии ҳуқуқи инсон;
- Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон; инчунин
- Хартияи иҷтимоии Аврупо, инчунин

Бо дарназардошти Ҳадафҳои рушди устувори муқаррароти соҳа то давраи соли 2030, Эъломияи сиёсии Мулоқоти сатҳи баланди Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид алайҳи бемории сил, Нақшаи умумиҷаҳонии Ҳамкорӣ барои “Боздоштани сил” дар бораи нест кардани бемории сил, Қатъномаҳои Маҷмааи ҷаҳонии тандурустӣ, Усулҳои роҳнамои Созмони Милали Муттаҳид оид ба соҳибкорӣ ва ҳуқуқи инсон, Эъломияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқҳои халқҳои бумӣ, маърӯзаҳо ва гузоришҳои махсуси Гузоришгари махсуси Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқ ба саломатӣ ва дигар Гузоришгарони махсуси Созмони Милали Муттаҳид ва Стратегияи Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ оид ба нест намудани сил, ки аз ҷониби кишварҳои узви Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ пазируфта шудаанд ва усулҳои асосии мубориза бар зидди бемории силро ҳамчун ҳифз ва пешбурди ҳуқуқи инсон, одобу адолат



Declaration_for print_A5_Tajik.indd 4-5 27.02.2020 22:20:41

ва инчунин эътилофҳои қавӣ бо ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷомеа муқаррар менамояд;

Ин Эъломияи ҳуқуқи одамони аз бемории сил осебдидаро таҳия намудем



## Боби 1. Муқаррароти умумӣ

### Моддаи 1. **Мафҳумҳо**

Дар ин Эъломия мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

*Кумаки тиббӣ ҳангоми бемории сил* – парастории ҳамгироишуда бо истифода аз ҳама воситаҳою усулҳои самараноку баландсифати тиббӣ ва хизматрасониҳои марбут ба пешгирӣ, ташхис ва табобати сирояти сил ва бемории сил, аз ҷумла шушиву ғайришушӣ, ба доруҳо ҳассос ва ба доруҳо устувор, бо таъсироти камтарини номатлуб, бо фарогирии, вале бидуни истисно, воситаҳои ташхисӣ, доруворӣ, хизматрасониҳои машваратӣ ва дигар дастгирии равонӣ, бистаригардонии дарозмуддат дар бемористон ва нигоҳубини ҳамешагӣ дар робита ба маъюбияти ҷузъӣ ё доимӣ дар ҳолати зарурӣ, нигоҳубини ҷомеа, нигоҳубини таскинӣ ва нигоҳубин дар охири ҳаёт, арзёбӣ ва идоракунии таъсироти номатлуб ҳангоми табобат, инчунин дигар тадбирҳои дармонӣ ва таҷҳизоти табобатӣ, аз ҷумла кумаки таъхирнопазири кормандони ботаҷрибаи тандурустӣ бо эҳтиром, сазовор ба шаъну вижагиҳои фарҳангӣ, бе табъиз, бидуни маҷбуркунӣ ва дағгузорӣ дар тамоми давраи сироят ё беморӣ; дар тӯли ҳаёти одамоне, ки ба нигоҳубини доимӣ ниёз доранд;

*Шахси аз сил осебдида* – маънои ҳама гуна шахси аз сил бемор ё беморшуда, инчунин шахсони парастор ва хешовандони наздики онҳо, ҳамчунин намояндагони гурӯҳҳои асосӣ ва осебпазир дар заминаи бемории



Declaration_for print_A5_Tajik.indd 6-7 27.02.2020 22:20:41

сил, аз қабили кӯдакон, кормандони тиббӣ, мардуми маҳаллӣ, шахсони гирифтори ВНМО, шахсоне, ки маводи мухаддир истеъмол мекунанд, маҳбусон, конканон, аҳолии сайёр, муҳоҷирон, занон ва сокинони камбизоати шаҳрҳову деҳотро дорад.

*Сил* – ҳамаи шаклҳои сил, аз ҷумла сили шушиву ғайришушӣ, сили ба доруҳо ҳассос ва ҳама гуна шаклҳои сили ба доруҳо устувор.



## Боби 2. Ҳуқуқҳои одамони аз сил осебдида

### Моддаи 2. **Ҳуқуқ ба ҳаёт**

Ҳар шахси аз сил осебдида ба ҳаёт ҳуқуқи ҷудонопазир дорад.

Ин ҳуқуқ кумаки тиббиро ҳангоми гирифтор шудан ба бемории сил, ки ба наҷотбахшии ҳаёт нигаронида шудааст, дар бар мегирад.

### Моддаи 3. **Ҳуқуқ ба шаъну шараф**

Ҳар шахси аз сил осебдида ба муносибати шоиставу боэҳтиром ҳуқуқ дорад.

Ин ҳуқуқ аз ҳуқуқ ба муносибат ба ҳайси як шахси соҳибихтиёри дорои мустақилият  ва арзиши сазовор, на танҳо ҳамчун роҳи ба даст овардани ҳадафҳои тандурустии ҷамъиятӣ, ва бидуни табъиз, доғгузорӣ, бадгумонӣ ё маҷбуркунӣ, аз ҷумла дар муассисаҳои тиббӣ ва ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ, иборат аст.

### Моддаи 4. **Ҳуқуқ ба солимии ҷисмонӣ ва рӯҳии ҳадди имконпазир (ҳуқуқ ба саломатӣ)**

Ҳар шахси аз сил осебдида ба солимии ҷисмонӣ ва рӯҳии ҳадди имконпазир ҳуқуқ дорад.

Ин ҳуқуқ, ҳуқуқ ба кумаки тиббии босифат, дастрас ва қобили қабул ҳангоми гирифторӣ ба бемории силро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи фарогирии



Declaration_for print_A5_Tajik.indd 8-9 27.02.2020 22:20:41

ҳамаҷонибаи тандурустӣ, аз ҷумла маҷмӯи вояи мувофиқи дӯстона барои кӯдакон, инчунин санҷиш ва табобати пешгиронаи сирояти бемории сил барои гурӯҳҳои калидиву осебпазири аҳолӣ аз лаҳзаи муроҷиати онҳо бо зикри мавҷудияти эҳтимолии бемории сил то ба охир расидани табобат ва барои шахсони ба парастории доимии кормандони ботаҷрибаи тиббӣ ниёзманд дар сатҳи ҷомеа, дар ҳолати зарурӣ, бо таъмини эҳтиром, шаъну шараф, бидуни маҷбуркунӣ, доғдоркунӣ ва ҳама гуна табъиз, новобаста ба синну сол, таваллуд, ранги пӯст, фарҳанг, шаҳрвандӣ, маъюбӣ, қавмият, вазъи молиявӣ, ҳувияти гендерӣ, забон, вазъи ҳуқуқӣ, эътиқоди сиёсӣ ё дигар эътиқод, дигар бемориҳо, асли миллӣ ё иҷтимоӣ, нажод, дин, ҷинсият, тамоюли ҷинсӣ ё ҳар гуна ҳолатҳои дигар, аз ҷумла шахсони аз тарафи давлат боздошт ё ба таври дигар аз озодӣ маҳрумшуда, бо диққати махсус ба гурӯҳҳое, ки дар заминаи бемории сил калидӣ мебошанд, дар бар мегирад.

## Моддаи 5. **Ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф**

Ҳар шахси аз бемории сил осебдида ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф дорад.

Ин ҳуқуқ, ҳуқуқ ба кумаки тиббӣ ҳангоми гирифторӣ ба бемории силро бидуни ҳеҷ гуна табъиз аз ҳисоби давлат барои ҳамаи шахсоне, ки озодияшон аз ҷониби давлат маҳдуд шудааст ё ба таври дигар аз озодӣ маҳрум шудаанд, дар бар мегирад. Он инчунин ҳуқуқи таъмин будан бо шароити муносиб, бехатар ва гигиении нигоҳдорӣ, бо ҷои мувофиқ, дорои шамолдиҳӣ ва ғизои комилро дар бар мегирад. Ин ҳуқуқ инчунин нисбати табобати шахсони гирифтори бемории сил тавассути кормандони тиб дар муассисаҳои тандурустии ҷамъиятӣ, ки ба сатҳи шиканҷа ё дигар намудҳои муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф расидаанд, дахл дорад.

## Моддаи 6. **Ҳуқуқ ба баробариву озодӣ аз табъиз**

Ҳама одамони аз бемории сил осебдида дар назди қонун баробаранд ва бидуни ҳеҷ гуна табъиз ба ҳимояи баробари қонун ва озодӣ аз ҳама гуна табъиз бо кадом аломате набошад, ба монанди синну сол, таваллуд, ранги пӯст, фарҳанг, шаҳрвандӣ, маъюбӣ, мансубияти этникӣ, вазъи молиявӣ, ҳувияти гендерӣ, забон, мақоми ҳуқуқӣ, сиёсӣ ё дигар эътиқод, дигар бемориҳо, пайдоиши миллӣ ё иҷтимоӣ, нажодӣ, динӣ, гендерӣ, тамоюли ҷинсӣ ва ё ҳама гуна вазъи дигар ҳақ доранд.

Ин ҳуқуқ, ҳуқуқи ҳар як шахси аз сил осебдида ба озодӣ аз тамоми шаклҳои табъиз дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла, пеш аз ҳама, дастрасӣ ба таъминоти иҷтимоӣ ва кумакпулиҳои давлатӣ, таваллуди фарзанд ва модаршавӣ, таҳсил, шуғл, тандурустӣ, манзил ва издивоҷро дар бар мегирад.



Declaration_for print_A5_Tajik.indd 10-11
27.02.2020 22:20:41

Моддаи 7. **Ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ**

Ҳар як шахси аз бемории сил осебдида ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳақ дорад. Ҳеҷ як шахси мубталои силро аз озодӣ маҳрум кардан мумкин нест, ба истиснои асосҳову тартиби муқарраркардаи қонун. Ҳар як шахси аз бемории сил осебдидаи маҳрум аз озодӣ ба муомилаи башардӯстона ва эҳтироми шаъну шарафе, ки ба инсон хос аст, ҳақ дорад.

Боздошти маҷбурии зери назари нигаҳбон, бистарисозӣ ё ҷудокунии шахси дорои бемории сил - ин маҳрумсозӣ аз озодӣ ва вайрон кардани амнияти шахс мебошад. Аз ин рӯ, бистарисозӣ ё ҷудокунии маҷбурӣ танҳо чун чораи охирин дар ҳолатҳои муайяни маҳдуд, дар муҳлати ба ҳадди ниҳоӣ камтарин, тибқи боби 15 *Дастури этикии татбиқи Стратегияи барҳамдиҳии бемории сили* Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, дар асоси маълумоти дақиқи тиббӣ иҷозат дода мешавад:

- Маълум аст, ки шахс сироятkунанда аст, вале ӯ табобати самаранокро рад мекунад ва тамоми чораҳои оқилона барои таъмини риоя андешида шуданд ва ба нокомӣ дучор гаштанд;
 Ё
- Маълум аст, ки шахс сироятkунанда аст ва ба табобати амбулаторӣ розист, аммо наметавонад дар хона назорати сироятро таъмин кунад ва кумаки беморхонаро рад менамояд;
 Ё
- Ба эҳтимоли зиёд, шахс шояд сироятkунанда бошад (дар асоси маълумотҳои лабораторӣ), аммо аз баҳодиҳии ҳолати сироятиаш худдорӣ мекунад, дар ҳоле ки ҳама корҳо барои кор кардан бо шахс ҷиҳати таҳияи нақшаи табобате, ки ба эҳтиёҷоти ӯ мувофиқ аст, анҷом дода мешавад.

Илова бар ин, тибқи *Принсипҳои Сиракуз оид ба тафсири маҳдудиятҳо ва даст кашидан аз муқаррароти Паймони байналмилалии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ*, ки аз ҷониби Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид тасдиқ шудааст, маҳрумият аз озодӣ вобаста ба боздошти маҷбурӣ, бистарисозӣ ё ҷудокунии шахсони гирифтори сил асоснок аст, танҳо агар он:

1. Ба қонунҳои миллие, ки ҳангоми маҳрум сохтан аз озодӣ амал мекунанд, мувофиқ бошад;
2. Дар асоси ҳадафи қонунӣ ва мутаносиб ба он дар посух ба хатари ҷиддӣ ба саломатии аҳолӣ ё аъзои алоҳидаи ҷомеа;
3. Бо шиддатнокии вазъ ҷиддан таъкид карда шуда бошад;
4. Камтарин воситаи маҳдудкунанда барои расидан ба ҳадаф бошад;
 ИНЧУНИН
5. Худсарона, таҳқиромез ва табъизомез набошад.

Дар ҳолатҳое, ки онҳо асоснок бошанд, нигаҳдошти зери назари нигаҳбон, бистарисозӣ ё ҷудокунии





Declaration_for print_A5_Tajik.indd 12-13 27.02.2020 22:20:41

шахси гирифтори бемории сил бояд дар шароитҳои аз ҷиҳати тиббӣ дуруст, бо чораҳои самарабахши назорати сироят, дар муҳлати кӯтоҳтарин, танҳо то вақте ки ҳолатҳои дар боло зикршуда ҷой доранд, анҷом дода шавад; шахс бояд ба тарви ихтиёрӣ ёрии тиббӣ бигирад; ҳама ҳуқуқҳо ва озодиҳои дигар бояд ҳифз карда шаванд, механизмҳои мурофиавӣ ва шикоят бояд мавҷуд ва дастрас бошанд ва давлат бояд ҳадди аққал ниёзҳои асосии инсонро бароварда созад, аз ҷумла, таъмини ғизои кофии номаҳдуд ва об, инчунин ҳама гуна дигар эҳтиёҷот, барои кафолати он зарур аст, ки маҳдудкунии ҳуқуқҳо самарабахш ба ҳадафи худ хидмат менамояд.

## Моддаи 8. **Ҳуқуқ ба ҳаракати озод**

Ҳар шахси аз бемории сил осебдида, ки дар ҳудуди ин ё он давлат ба таври қонунӣ ҷойгир аст, ба озодии ҳаракат ва интихоби озоди маҳалли истиқомат дар ҳудуди ин қаламрав ҳуқуқ дорад.

Ҳар шахси аз сил осебдида ҳақ дорад, ки ҳар кишвар, аз ҷумла кишвари худро тарк кунад.

Ҳуқуқҳои дар боло зикршуда, наметавонанд мавриди маҳдудият қарор гиранд, ба истисноии маҳдудиятҳои пешбининамудаи қонун, ки барои ҳифзи амнияти давлатӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ё ахлоқи аҳолӣ ё ҳуқуқу озодиҳои дигарон заруранд ва бо ҳуқуқҳое, ки дар созишномаҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон эътироф шудаанд, аз ҷумла бо ҳуқуқ ба озодӣ ва



дахлнопазирии шахсӣ дар доираи моддаи 7 Эъломияи мазкур мувофиқат мекунанд.

Ин маънои онро дорад, ки бемории сил наметавонад далели манъи вуруд ё вуруди такрорӣ ба ҳудуди давлат ва депорту ихроҷ аз қаламрави он бошад. Ин инчунин маънои онро дорад, ки бемории сил барои маҳдуд кардани ҳаракат ё сафар дар ҳудуди давлат, ба истисноии ҳолатҳои маҳдуди муайяншуда, ки дар моддаи 7 Эъломияи мазкур, мутобиқи Боби 15 *Дастурамали этикии татбиқи Стратегияи барҳамдиҳии сили* Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ муқаррар гардидаанд, асос шуда наметавонад.

## Моддаи 9. **Ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ**

Ҳар шахси аз сил осебдида ҳуқуқ дорад ба мудохилаи худсарона ва ғайриқонунӣ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии худ, тааддии худсарона ё ғайриқонунӣ ба дахлнопазирии манзил ё сирри мукотиботи худ, ё тааддии ғайриқонунӣ ба шаъну эътибори ӯ роҳ надиҳад. Ҳар шахси аз бемории сил осебдида ба ҳимояи қонун аз чунин мудохила ё чунин тааддиҳо ҳуқуқ дорад.

Ин ҳуқуқ, ҳуқуқи шахсони гирифтори бемории силро барои махфӣ нигоҳ доштани вазъи саломатӣ, маълумотҳои шахсӣ дар бораи саломатӣ ва махфияти онҳоро дар бар мегирад. Он инчунин издивоҷ, ташкили оила, фарзанддорӣ ва нигоҳубини онҳоро фаро мегирад.



Declaration_for print_A5_Tajik.indd 14-15 27.02.2020 22:20:41

Моддаи 10. **Ҳуқуқ ба махфият**

Ҳар шахси аз бемории сил осебдида ба махфияти маълумоту иттилооти шахсӣ дар бораи саломатӣ ҳуқуқ дорад.

Ин маънои онро дорад, ки интишори маълумоти тиббии шахсӣ ё иттилоот дар бораи шахси аз бемории сил осебдида, аз ҷумла дар доираи муносибатҳои меҳнатӣ, интиқоли он ё интиқол ба шакли электронӣ ё дигар шаклҳо танҳо бо розигии огоҳонаи ӯ ва дар ҳолатҳое, ки ин кор бо мақсади тандурустии ӯ ё ҳифзи саломатии ҷамъият анҷом дода мешавад, ҷоиз аст. Бо мақсади ҳифзи саломатии ҷамъият, аз ҷумла вобаста ба назорати эпидемиологӣ ё барномаҳои таъмини хидматрасониҳои тиббӣ, чунин маълумот метавонад бе розигии огоҳонидашудаи шахс танҳо дар сурате интиқол дода шавад, ки ба таври махфӣ бидуни зикри ном ё дигар маълумоти муайянкунандаи ҳувияти шахс анҷом дода шавад.

Ҳуқуқ ба махфият ҳамчунин бояд мавриди эҳтиром қарор бигирад ва ҳангоми таҳия, амалисозии тадбирҳо барои пайгирии тамосҳо ва дигар фаъолиятҳои тандурустии ҷамъиятии ба онҳо алоқаманд ба назар гирифта шавад. Ин ҳуқуқ бо таъмини дастрасии одамони аз бемории сил осебдида ба машварат барои ошкорсозии ташхис, якҷоя қарор додани он, ки чӣ тавр ва кай дар бораи сироятҳои имконпазир хабар дода шавад  ва дастрасӣ ба кормандони омӯзонидашудаи тиббӣ ва иҷтимоӣ барои расонидани дастгирӣ ва ҷавоби суолҳои эҳтимолӣ маҳдуд намешавад.



Моддаи 11. **Ҳуқуқ ба иттилоот**

Ҳар шахси аз сил осебдида ба ҷустуҷӯ, дарёфт ва нашри иттилоот ҳуқуқ дорад.

Ин маънои онро дорад, ки маълумот дар бораи сироят ва бемории сил, аз ҷумла аломатҳои ин беморӣ, ташхисоти тиббии бемории сил ва рушди технологияҳои тандурустӣ, хидматрасониҳо барои пешгирӣ, ташхис ва табобати сил, аз ҷумла таъсироти номатлуби эҳтимолии ҳангоми табобат бояд пурра мавҷуд, дастрас, қобили қабул, дорои сифати хуб, мувофиқи синну сол ва ҷинс, бо назардошти хусусиятҳои фарҳангӣ ва оммафаҳмӣ, яъне бо забони ба шахси дастраскунандаи иттилоот фаҳмо бошанд.

Ин инчунин маънои онро дорад, ки ҳар як шахси аз сил осебдида ҳақ дорад ақаллан:

- Нусхаҳои расмии сабтҳои тиббияшро дархост ва дастрас кунад;
- Шарҳи саривақтӣ, дақиқ ва фаҳмои вазъи саломатии худ ва ташхиси бемории сил ё сироятро, хусусан барои гурӯҳҳои асосӣ ва осебпазири аҳолӣ дастрас намояд;
- Ба машварати ихтиёрӣ дар вақти дилхоҳ аз лаҳзаи ташхис то анҷоми табобат дастрасӣ дошта бошад; ва
- Дар бораи афзалиятҳо, хавфҳо ва хароҷоти молиявии табобат, агар мавҷуд бошад, шарҳи табобат, аз ҷумла табобати пешгирикунанда ва алтернативаҳои табобати имконпазирро бо маълумоти пурра дар бораи доруҳои



Declaration_for print_A5_Tajik.indd 16-17 27.02.2020 22:20:41

мушаххас таъиншуда, ба мисли номҳо, вояи онҳо, таъсироти номатлуби эҳтимолӣ ва роҳҳои пешгирӣ ё коҳишии онҳо, инчунин таъсироти эҳтимолии мутақобила бо дигар доруҳо, ба мисли доруҳои зиддиретровирусӣ барои муолиҷаи сирояти ВНМО, ҳангоми мавҷудияти бемориҳои ҳамрадиф шарҳу тавзеҳ бигирад.

Моддаи 12. **Ҳуқуқ ба розигии огоҳона**

Ҳар шахси аз бемории сил осебдида ба розигии огоҳона ҳақ дорад.

Ин маънои эҳтиром ба мустақилият, худмуайянкунӣ ва шаъну шарафи инсон тавассути хидматрасонии ихтиёрии тиббиро дорад. Он ҳуқуқи розигии огоҳонаро дар шакли шифоҳӣ ё хаттӣ вобаста ба вазъият дар ҳама шаклҳои ташхис, табобат ва таҳқиқоти тиббии марбути бемории сил, маълумоти мувофиқи синну сол ва ҷинс пешниҳодгардида, бо дарназардошти хусусиятҳои фарҳангӣ, пешниҳоди маълумот барои шахси маълумотгиранда ба забони содаву оммафаҳмро дар бар мегирад. Барои кӯдакони гирифтори сил, ки розигии огоҳона дода наметавонанд, ҳама қарорҳои падару модар ё васии қонунии онҳо дар мавриди ташхис, табобат ё муоинаи тиббии марбут ба бемории сил бояд дар асоси маълумоти дақиқи тиббӣ ва ба манфиати бартари кӯдак қабул карда шаванд.

Ҳуқуқ ба розигии огоҳона дорои ҳуқуқи рад кардани ёрии тиббӣ мутобиқи боби 15 *Дастури этикии*



*татбиқи Стратегияи барҳамдиҳии сил* мебошад. Дастури этикӣ пешбинӣ менамояд, ки дар ҳама ҳолат табобати маҷбурии шахсони гирифтори бемории сил қобили қабул нест, зеро он, дар қатори дигар омилҳо, халалдоркунии дахлнопазирии ҷисмониро ташкил медиҳад ва метавонад кормандони соҳаи тибро зери хавф гузорад.

Моддаи 13. **Ҳуқуқ ба таҳсил**

Ҳар шахси аз сил осебдида ба таҳсил ҳуқуқ дорад.

Ин ҳуқуқ, ҳуқуқ ба таҳсилоти ибтидоии ройгон ва ҳатмӣ, инчунин дастрасӣ ба маълумоти миёнаву олӣ, аз ҷумла маълумоти касбӣ ва техникиро бар асоси бидуни табъиз, аз ҷумла барои маъюбон ва пастшунавоёну сустбиноёнро дар бар мегирад. Кӯдакони мубталои бемории сил, то вақте ки сирояткунанда ҳастанд ва дар сурате ки табобат мегиранд, ҳақ доранд, бо сабабҳои узрнок аз дарсҳо озод бошанд ва дигар чораҳое, ки ба онҳо имкони идомаи бефосилаи таҳсилро медиҳанд, аз қабили иштироки фосилавӣ дар синф ва таълими бархат (онлайн). Дар ҳолатҳои камназир, вақте кӯдакони гирифтори сил ба бистаришавии дарозмуддат ниёз доранд, онҳо дар давраи табобат ба таҳсилоти фосилавӣ ҳуқуқ доранд.

Моддаи 14. **Ҳуқуқ ба кор**

Ҳар шахси аз сил осебдида ба кор ҳуқуқ дорад ва ҳеҷ як шахси аз бемории сил осебдида набояд дар ғуломӣ



Declaration_for print_A5_Tajik.indd 18-19 27.02.2020 22:20:41

нигоҳ дошта шавад ё ба кори маҷбурӣ ё ҳатмӣ гирифтор шавад.

Ин ҳуқуқ, ҳуқуқ ба шароити бехатар ва солими кор, аз ҷумла барои кормандони соҳаи тиб ва дигар шахсони дар муассисаҳои тиббӣ коркунанда, конканҳо, муҳоҷирони корӣ ва дигар коргарони дорои хавфи баланди сироятёбӣ ва гирифторӣ ба силро дар бар мегирад. Он инчунин ҳуқуқи озодии қабули қарор дар бораи пазируфта шудан ба кор ё интихоби кор, инчунин музди одилона ва мукофоти баробар барои кори дорои арзиши баробари аз ҷониби шахсони тамоми ҷинсҳо, бидуни ҳеҷ фарқият ва шартҳои баробар иҷрошавандаро фаро мегирад.

Ҳар шахси аз сил осебдида ба таъмини шароити кории мувофиқ, аз ҷумла рухсатӣ ва танаффусҳое, ки ба ӯ имкон диҳанд, то пас аз ташхис муносибатҳои кории худро бетағйир нигоҳ дорад ва инчунин ба шароити шабеҳ дар давраи сироятнокӣ ва ҳангоми табобат ҳуқуқ дорад. Агар ба сабаби бистаришавии тӯлонӣ ё маъюбии қисман ё доимӣ шахси дорои бемории сил аз рӯйи маҳдудиятҳои муқарраркардаи қонун ё шартҳои қарордоди корӣ корашро идома дода натавонад, пас мувофиқи моддаи 18 ин Эъломия, ӯ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳуқуқ дорад.

## Моддаи 15. **Ҳуқуқ ба ғизои мувофиқ**

Ҳар шахси аз бемории сил осебдида ҳуқуқ дорад ғизои мувофиқ дошта бошад ва аз гуруснагӣ ва камғизоӣ озод бошад.



Ин ҳуқуқ, ҳуқуқ ба дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодиро ба хӯроки кофӣ, ғизонок ва бехатар дар вақти дилхоҳ, аз ҷумла ба хӯроки дорои аҳаммияти махсус ҳангоми расондани ёрии тиббӣ барои беморони сил, аз ҷумла шахсони аз озодӣ маҳрумшударо фаро мегирад. Он инчунин ғизодармониро, ки дар давраи табобат талаб карда мешавад, дар бар мегирад.

## Моддаи 16. **Ҳуқуқ ба манзил**

Ҳар шахси аз бемории сил осебдида ба манзили мувофиқ ҳуқуқ дорад.

Ин ҳуқуқ фарогири ҳуқуқ ба манзили дастрас, мувофиқ барои зист дар ҷои муносиб бо кафолати ҳуқуқи моликият, ки ҳифзи ҳуқуқиро аз кӯчонидани маҷбурӣ, таъқибот ва дигар таҳдидҳо дар бар мегирад, мебошад. Он инчунин мавҷудияти хидматрасониҳо, маводҳо, таҷҳизот ва инфрасохторҳо, аз ҷумла, дорои шароити хуби беҳдоштӣ ва шамолдиҳӣ, гармӣ, равшанӣ ва дурсозии партовҳоро дар бар мегирад.

## Моддаи 17. **Ҳуқуқ ба об ва беҳдошт**

Ҳар шахси аз бемории сил осебдида ба об ва беҳдошт ҳуқуқ дорад.

Ин ҳуқуқ фарогири ҳуқуқи дастрасӣ ба оби бехатари ошомиданӣ ва ба хадамоти беҳдоштии бидуни табъиз мувофиқ, алалхусус дар минтақаҳои деҳот, маҳалҳои бумӣ ва суструшдёфтаи шаҳр, аз ҷумла



Declaration_for print_A5_Tajik.indd 20-21 27.02.2020 22:20:41

шаҳракҳои ғайрирасмӣ ва аҳолии бехона, бо дарназардошти ниёзҳои занон ва кӯдакон мебошад.

Моддаи 18. **Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ**

Ҳар шахси аз бемории сил осебдида ба таъминоти иҷтимоӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ, аз ҷумла дар сурати бекорӣ, маъюбӣ, пирӣ ё дигар ҳолатҳои аз даст додани воситаҳои зиндагӣ бо сабабҳои ба ӯ вобастанабуда ҳуқуқ дорад.

Ин ба он маъност, ки ҳар шахси аз сил осебдида ба дастрасӣ ва ҳама намудҳои таъминоти иҷтимоии бидуни табъиз, ҳатто агар ҳангоми бемори сил буданаш кумаки тиббӣ нагирад ё реҷаи табобати силро риоя накунад ҳам, ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ аз дастрасӣ ва нигоҳдории имтиёзҳо ҳам дар шакли пулӣ ва ҳам дар шакли асл иборат аст, ки барои таъмини ҳифз, аз ҷумла ба сабаби набудани даромад аз кор дар натиҷаи беморӣ, маъюбӣ, модарӣ, ҷароҳатҳои вобаста ба кор, бекорӣ, пирӣ ё фавти узви хонавода; ба сабаби набудани хидматрасониҳои тиббии дастрас; ё дастгирии нокифояи оила барои кӯдакон ва калонсолони зери парастории онҳо пешбинӣ мешаванд.

Хусусан, ҳар шахсе, ки сироят меёбад ё мубталои сил мешавад, барои ҷуброни бетанаффуси хароҷоти тиббӣ ва дигар хароҷоти ба бемории касбии ӯ алоқаманд ҳуқуқ дорад.



Моддаи 19. **Озодии баёни андеша**

Ҳар шахси аз бемории сил осебдида ба баёни озоди андеша ҳақ дорад.

Ин ҳуқуқ озодии устуворӣ дар андешаи худ, ҷустуҷӯ, дарёфт ва паҳн кардани ҳама гуна иттилоот ва ғояҳо, аз ҷумла дар бораи бемории сил ва таҷрибаи одамони гирифтори бемории силро бо ҳар васила, аз қабили шабакаҳои иҷтимоӣ, бидуни дахолат ё таъқиби мақомоти давлатӣ дар бар мегирад.

Моддаи 20. **Ҳуқуқ ба озодии ҷамъомадҳо ва анҷуманҳо**

Ҳар шахси аз бемории сил осебдида ба озодии ҷамъомадҳои осоишта ва анҷуманҳо бо дигарон ҳақ дорад.

Ин ҳуқуқ ҳаққи таъсис, ҳамроҳ шудан ва иштирок дар кори созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва гурӯҳҳое, ки манфиатҳои одамони аз сил осебдидаро бо мақсади пешбурд, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии одамони аз сил осебдида, аз ҷумла дар ҷойҳои маҳрумият аз озодиро муттаҳид ё баҳри он амал мекунанд, дар бар мегирад. Он инчунин аз ҳуқуқи ташкил, ҷамъой ва баргузории эътирозҳои осоиштаи оммавӣ баҳри ҳалли масъалаҳои вобаста ба бемории сил иборат аст.

Амалисозии ин ҳуқуқ муҳити мусоиди ҳуқуқӣ ва сиёсиро талаб мекунад, ки ба таъсис ва



Declaration_for print_A5_Tajik.indd 22-23 27.02.2020 22:20:41

фаъолияти созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва гурӯҳҳои муттаҳидкунанда ё пешбарандаи манфиати одамони аз сил осебдида имкон медиҳад ва мусоидат менамояд. Татбиқи ин ҳуқуқҳо ба ҳеҷ гуна маҳдудият дучор намешавад, ба истисноi ҳолатҳое, ки дар қонун пешбинӣ гардидаанд ва ҳолатҳое, ки дар ҷомеаи демократӣ ба манфиати амнияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи саломатӣ ва ахлоқи аҳолӣ ё ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои дигарон заруранд. Ин модда ҷорӣ кардани маҳдудиятҳои қонунии истифода аз ин ҳуқуқро барои хизматчиёни қувваҳои мусаллаҳ ва пулис манъ намекунад.

## Моддаи 21. **Ҳуқуқ ба иштирок**

Ҳар шахси аз бемории сил осебдида мустақиман ва ё тавассути созмонҳову намояндагони озодона интихобшуда ба иштирок дар пешбурди корҳо ҳақ дорад.

Ин ҳуқуқ фарогири ҳуқуқи иштироки пурмаҳсул дар ҳама равандҳо ва механизмҳои таҳия, татбиқ, мониторинг ва арзёбии қонунҳо, сиёсатҳо, қоидаҳо, дастурамалҳо, буҷетҳо ва барномаҳои марбут ба бемории сил, кумаки тиббӣ ҳангоми бемории сил ва таҳқиқоти тиббии соҳаи бемории сил дар тамоми сатҳҳои идоракунӣ бо дастгирӣ, ва ҳангоми зарурат, мусоидати оқилонаи давлат, ташкилотҳои байналмилалӣ, гурӯҳҳои бумӣ ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати таъмини иштироки пурмаҳсул ва самаранок мебошад.



## Моддаи 22. **Ҳуқуқ ба адолат ва муҳокимаи додгоҳии муносиб**

Ҳар шахси аз сил осебдида, ки барои содир кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҷиноятӣ айбдор карда мешавад, ба муҳокимаи одилона ва ошкори бидуни таъхири беасоси суд дар суди салоҳиятдор, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис дода шудааст ва чораҳои самаранок ва саривақтӣ дар сурати вайрон шудани ҳуқуқи худ ҳақ дорад.

Ин ҳуқуқ аз ҳуқуқи бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод кардани шикоятҳо, аз ҷумла ба мақомоти тандурустӣ, инчунин баррасии одилона ва саривақтии шикоятҳо иборат аст. Он инчунин ҳуқуқи шахсони аз сил осебдидаро ҷиҳати муроҷиат ба мақомоти болоӣ дар сурати норизогӣ бо натиҷаҳои шикоят, гирифтани қарори хаттиву асосноки парвандаи онҳоро бо забоне, ки мефаҳманд, дар бар мегирад.

## Моддаи 23. **Ҳуқуқи истифода аз натиҷаҳои пешрафти илм (ҳуқуқ ба илм)**

Ҳар шахси аз сил осебдида ба истифода ва истеъмол аз натиҷаҳои пешрафти илм ҳақ дорад.

Ин ба он маъност, ки ҳар як шахси аз бемории сил осебдида бояд ба дастовардҳои илмӣ бидуни ягон табъиз дастрасӣ дошта бошад, ба шарти эҳтиром ва ҳимояи захираҳои табиӣ ва моликияти зеҳниву дастҷамъии халқҳои бумӣ, новобаста ба он, ки ин



Declaration_for print_A5_Tajik.indd 24-25 27.02.2020 22:20:41

дастовардҳо манфиати ғайримоддӣ доранд, ба монанди дониш ва иттилоот ё натиҷаҳои намоён, ба монанди технологияҳои нави пешгирӣ, ташхис ё табобати бемории сил. Он инчунин ҳуқуқи иштирок дар раванди илм, сар карда аз таҳияи барномаҳои тадқиқотӣ то иштирок дар озмоишҳои клиникиро дар бар мегирад.

Ҳуқуқ ба илм инчунин аз давлатҳо талаб мекунад, ки илм ва афзалиятҳои онро ҳифз, рушд ва паҳн намоянд. Ин маънои онро дорад, ки давлатҳо бояд: шароити ҳуқуқӣ ва сиёсии таҳқиқотро фароҳам оваранд ва маблағгузорӣ кунанд; дастрасии васеи илм ва истифодаи он, аз ҷумла тавассути интишори натиҷаҳо, эҷоди низомҳои танзим барои арзёбии равишҳои нав, ташаккули барномаҳо ва сиёсатҳои тандурустии ҷамъиятӣ ба далелҳои илмӣ; нигоҳдорӣ ва дастгирии пешрафти илм ва афзалиятҳои онро барои наслҳои оянда таъмин намоянд.



**Боби 3. Уҳдадориҳо ва масъулиятҳо**

Моддаи 24. **Уҳдадориҳои давлатҳо тибқи ҳуқуқи байналмилалӣ ва минтақавии ҳуқуқи инсон**

Давлатҳо тибқи ҳуқуқи байналмилаливу минтақавии ҳуқуқи инсон уҳдадориҳои ҳуқуқӣ доранд, ки ҳуқуқи одамони аз сил осебдидаро, аз ҷумла ҳуқуқҳои дар ин Эъломия зикргардидаро эҳтиром, ҳифз ва амалӣ намоянд.

I. **Уҳдадории эҳтиром:** Давлатҳо бояд аз дахолат ба амалигардии ҳуқуқи одамони аз сил осебдида худдорӣ варзанд;
II. **Уҳдадории ҳифз:** Давлатҳо бояд барои пешгирии дахолати тарафҳои сеюм, аз ҷумла субъектҳои ғайридавлатӣ, аз қабили таъминкунандагони хусусии хадамоти тиббӣ, ширкатҳои хусусии суғуртаи тиббӣ, ширкатҳои фармасевтӣ ва ташхисӣ ва дигар шахсон ба амалгардии ҳуқуқҳои одамони аз сил осебдида чораҳо андешанд; инчунин
III. **Уҳдадории иҷроиш:** Давлатҳо бояд ба ҳадди ниҳоӣ вобаста ба имконоти худ тадбирҳои қонунгузорӣ, маъмурӣ, буҷавӣ, иттилоотӣ ва дигар тадбирҳоро барои татбиқи пурраи ҳуқуқҳои одамони аз сил осебдида андешанд.



Declaration_for print_A5_Tajik.indd 26-27 27.02.2020 22:20:41

Моддаи 25. **Уҳдадориҳои субъектҳои ғайридавлатӣ мувофиқи қонунҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон**

Субъектҳои ғайридавлатӣ, аз ҷумла ҳама намуди корхонаҳои тиҷоратӣ, аз қабили таъминкунандагони хусусии хадамоти тиббӣ, ширкатҳои хусусии суғуртаи тиббӣ, ширкатҳои фармасевтӣ ва ташхисӣ ва ғайра уҳдадоранд, ки ҳуқуқҳои одамони аз сил осебдидаро, аз ҷумла ҳуқуқҳои дар Эъломияи мазкур баёншударо эҳтиром кунанд. Ин субъектҳои ғайридавлатӣ бояд ба поймолкунии ҳуқуқҳои шахсони аз сил осебдида роҳ надиҳанд ва бояд ҳама оқибатҳои манфии марбут ба ин поймолкунии ҳуқуқҳои одамони аз сил осебдидаро бартараф намоянд.



Дар моҳи майи соли 2019 нашр шудааст

Тамос бо TBpeople:

facebook.com/tbpeople, twitter @realTBpeople,
info@tbpeople.org.uk

Тамос бо Ҳамкории «Бoздошти сил»:

facebook.com/StopTBPartnership,
instagram.com/stoptb, twitter @StopTB,
www.stoptb.org, communications@stoptb.org

Declaration_for print_A5_Tajik.indd 28-29 27.02.2020 22:20:41

# ЭЪЛОМИЯИ ҲУҚУҚИ ОДАМОНИ АЗ СИЛ ОСЕБДИДА



Маводи мазкур дар доираи барномаи грантии TB-REP 2.0, ки аз тарафи Хазинаи глобалӣ барои мубориза бо ВНМО, сил ва вараҷа маблағгузорӣ ва тавассути Маркази сиёсатҳои тандурустӣ ва тадқиқотӣ (PAS Center), ҳамчун грантгирандаи асосӣ амалӣ мешавад, аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст.
Назари муаллиф(он), ки дар ин мавод изҳор шудааст, айнан инъикоси назари Хазинаи глобалӣ, грантгирандаи асосӣ ва ё дигар шарикони лоиҳаи TB-REP 2.0 нест.

Таҳияи Эъломияи ҳуқуқи одамони аз сил осебдида қисман бо дастгирии мардуми Амрико тавассути Оҷонсии рушди байналмилалии ИМА (USAID) имконпазир гардид.

Ҳамкории БОЗДОШТИ СИЛ дар Тоҷикистон

Stop TB Partnership

TB REP

TB PEOPLE